| “Тасдиқ мекунам” | “Тасдиқ мекунам” | “Тасдиқ мекунам” |
| --- | --- | --- |
| Сардори Раёсати телевизион ва радио дар вилояти Хатлон | Сардори Раёсати фарҳанг дар вилояти Хатлон | Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон |
| Соҳибназари М. Ғ. | Абдуллозода А. Ч. | Миралиён Қ. А. |

**КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

**Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!**

# НИЗОМНОМАИ ОЗМУНИ ХАЛҚИИ «ДЕҲАИ МАН»



**БОХТАР – 2020**




***Озмуни халқӣ унвон гирифтани озмуни мазкур ба он асос меёбад, ки натиҷаҳои он на аз тарафи ҳакамон, балки аз ҷониби аҳли ҷомеа - истифодабарандагони Facebook бевосита (тариқи маъқул донистан, лайк гузоштан) баҳогузорӣ мегардад.***

**Ташкилкунанда:** Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон;

**Шарики иттилоотӣ:** Раёсати телевизион ва радиои вилояти Хатлон, телевизиони “Хатлон”;

**Шарики фарҳангӣ:** Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон.

*Гуфта будам, ки ба деҳ баргардам,*
*Ки сари солу гули борон аст,*
*Дар миёни гулу хору хаси ӯ,*
*Зиндагӣ кардани ман осон аст.*

## 1. МАҚСАДИ ОЗМУН

- Баланд бардоштани завқи зебоипарастӣ ва эҳсоси хештаншиносию ватанпарастии насли ояндасоз, тарғиби дастовардҳое, ки дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар ҳар як деҳа амалӣ гардидаанд ва ё амалӣ шуда истодаанд, зимнан мусоидат ба рушди қобилияти шаҳрвандон оид ба истифодаи самараноки технологияҳои муосири иттилоотӣ;

- Татбиқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба таҷлили сазовори 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021), бо ин васила саҳмгузорӣ дар беҳтар гардидани инфрасохтори деҳоту маҳалла;
- Ҳавасмандгардонии сокинони маҳаллаву деҳот оид ба муаррифӣ намудан ва инъикоси гӯшаҳои зебои макони зист, ободкориҳои солҳои охир, таблиғи мавзеъҳои сайёҳии маҳал, ташвиқи мардум ба амалҳои бештари созандагӣ.



## 2. БАХШҲОИ ОЗМУН

Озмуни мазкур бо пешниҳоди аксҳо аз рӯйи се номинатсия баргузор мегардад:

1. Манзараҳои зебои деҳаи ман;
2. Саҳми ман дар ободонии маҳал;
3. Шахсияти маъруфи деҳаи ман.

## БАХШИ 1. МАНЗАРАҲОИ ЗЕБОИ ДЕҲАИ МАН

Дар ҳудуди вилояти Хатлон мавзеъҳои зиёди сайёҳӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ мавҷуданд, ки шахс аз дидани онҳо дар навору аксҳо майли ташриф кардану аз наздик шинос шудан ба манзараҳо пайдо мекунад.

Зимнан, дар ҳар маҳаллаву деҳа манзараҳои диданибобе мавҷуданд, ки ниёз ба тарғибу ташвиқи васеъ доранд, албатта, намоиши манзараҳои табиӣ ва дастовардҳои маҳал, дар баробари хусусияти фарҳангӣ доштан, ҳамчунин метавонад ба таҳкими иқтисодиёти маҳал мусоидат намояд.



Зери мафҳуми мавзеъ ва ё манзараи зебо ҷой ё маконҳое дониста

мешаванд, ки табиатан зебо, барои аксарият ҷолиб, дилрабо ва ё таърихи дерина (куҳна) дошта, саргузаштҳои маъруф доранд.

Дар ин бахш аз иштирокчии озмун талаб карда мешавад, ки чунин манзараи зебои маҳали (ҷойи зисти доимии) худро дарёфт намуда, тибқи талаботи банди 5 аксбардорӣ карда, дар саҳифаи озмун - https://www.facebook.com/oyandasozi ҷойгир намояд.

## БАХШИ 2. САҲМИ МАН ДАР ОБОДОНИИ МАҲАЛ



Ҳар шахсияти ватандӯст саҳм гузоштан дар ободии маҳалро ҳам вазифаи шаҳрвандии худ медонад ва ҳам мояи ифтихор. Ҳамчунин, дар сифати қарзи виҷдонӣ ободонию накӯкории шахс ин меросест ва муздест баҳри ҷовидонии шахс дар оянда.



Саҳм метавонад андаке (хурд) бошад, аммо кифояти он бузург аст; шахси саҳмгузошта дар ҷомеа шахси маъруф ва некхоҳ пазируфта шуда, доимо эҳтироми атрофиёнро бо худ дорад.

Дар мисоли саҳмгузорӣ: метавон як қубури об гузаронид ё кӯчароҳеро сангфарш намуд ва ё купруке (пуле) сохт, ки аз он садҳо нафар ҳар рӯз баҳра мегиранд.

Албатта, қимати амали нек ҳамеша бузург аст. Муҳим он аст, ки ғояи накӯкорӣ барои хурду бузурги деҳа намунаи ибрат шавад ва ниҳоят мардум бештар ба ободкорӣ моил шаванд.

Иштироккунанда дар ин номинатсия бояд лаҳзаҳои корҳои ободонӣ ва баҳрабардории мардумро аз он аксбардорӣ намуда, тибқи тартиби муқарраршуда (банди 5) дар саҳифаи озмун - https://www.facebook.com/oyandasozi ҷойгир намояд.

## БАХШИ 3. ШАХСИЯТИ МАЪРУФИ ДЕҲАИ МАН

Кӯдак, наврас, ҷавон барои худ ҳамеша ягон нафареро идеал интихоб мекунад. Ин гуна нафарони идеалӣ, ки кору фаъолият ва таҷрибаю ҳунарашон омӯхтанист дар аксар деҳаҳо ҳастанд. Зимнан, фаъолияти онҳо, чеҳраи неки онҳо бояд ситоиш ва ба дигарон шиносонида шаванд.



Муҳим он аст, ки маъруфияти қаҳрамон (шахси интихобкарда) бояд дар ҳудуди вилоят ва ё мамлакат инъикосёфта бошад, яъне ӯро бо дастовардҳои хосаш шиносанд, эътироф кунанд ва эҳтиром гузоранд; ӯ ҳаёт бошад.

Мисоли ин шахсиятҳо - қаҳрамонони риштаи варзиш (Мавзуна Чориева, Дилшод Назаров...), сиёсатмадорон (вазирон, расион, вакилон...), шоирон (Низом Қосим, Гулрухсор Сафиева....), ҳамин тариқ, сарояндагон, соҳибкорон, саховатмандон, ихтироъкорон, олимон ва ғайра шуда метавонанд. Албатта, хостагирӣ ва интихоби қаҳрамон (шахсияти маъруф) ба ихтиёр ва нуқтаи назари хоси иштироккунанда вобаста мебошад.

Иштироккунанда дар ин номинатсия қаҳрамони худро дарёфт, ба таври шоиста муаррифӣ намуда, тибқи талаботи банди 5 дар саҳифаи КИВ - https://www.facebook.com/oyandasozi, озмуни "Деҳаи ман" ҷойгир менамояд.

## 3. ШАРТҲОИ ОЗМУН

Барои иштирок дар озмун танҳои шахсе роҳ меёбад, ки агар тибқи талаботи поён ва ё шартҳои зерин амал кунад:

- Шахсро зарур аст, ки пеш аз оғози фаъолият бо худ қарор барорад, ки дар кадом бахш/номинатсия (ниг. ба банди 2) иштирок менамояд. Яъне, якеро аз се бахшҳои муайяншуда интихоб намояд;
- Шахс бояд дар шабакаи иҷтимоии Facebook саҳифаи (профил ё акаунти) худро дошта бошад.

Агар не, ин амал чандон мушкил нест (ниг. ба истинод[1])

- Иштирокчӣ бояд аз профили фейсбукии худ бо истифода аз тугмаи “фото” объекти дахлдорро акс (сурат) бигирад ва онро ҳамроҳи маълумот (дар бораи он объект) бо зикри ибораи “Ба озмуни халқии “Деҳаи ман” дар саҳифаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон - https://www.facebook.com/oyandasozi нашр кунад;
- Аксҳои бардоштаи иштирокчӣ бояд тибқи талаботи банди 5 дар саҳифаи фейсбукии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон - https://www.facebook.com/oyandasozi интишор карда шаванд;
- Расмҳои беҳтаринро мебояд дилхоҳ истифодабарандаи Facebook бо зер кардани тугмаи “писанд” (лайк) ё “олӣ” (супер) ҷонибдорӣ кунад, зеро ғолиби озмун маҳз баъд аз шумурда шудани миқдори овози фейсбукчиён муайян карда мешавад;
- Ҳар як иштирокчӣ то 10 сурат фиристода метавонад, ки дар натиҷа беҳтаринҳояшон дар саҳифаи фейсбукии КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон - https://www.facebook.com/oyandasozi аз ҷониби модератори он нашр карда мешавад, албатта, агар он ба талабот ҷавобгӯй бошад;
- Расмҳое (аксҳое), ки бо истифода аз барномаҳои коркарди расм (фотошоп ва ғ.) ягон чизе (ҷузъ, детал) ба онҳо илова карда шудааст ё баръакс аз онҳо кам карда шудааст, қабул карда намешаванд;
- Расмҳое (аксҳое), ки ранг ва торикию равшанияшон танзим карда нашудаанд, қабул карда намешаванд;
- Расмҳо (аксҳо) бояд маънидор бошанд ва бо худ аз як то чор ҷумла шарҳ ё маълумот дошта бошанд;
- Зимни фиристодани расм (акс) ба номинатсияи “Шахсиятҳои маъруфи деҳаи ман”, агар қаҳрамон, дар интернет саҳифае дошта бошад ва ё дар борааш дар ягон хабаргузории онлайнӣ иттилое оварда шуда бошад, абарпайванд (гиперссилка)-и он иттилоъро овардан ҷоиз аст;
- Ҳар як иштирокчӣ метавонад дар як вақт танҳо дар як номинатсия иштирок кунад.

[1] Зер кунед ё нусхабардорӣ карда, дар сатри суроғавии интернет гузоред - https://www.facebook.com/

- Ба расмҳои (аксҳои) вертикалӣ афзалият дода мешавад;
- Дар озмуни шаҳрвандони аз 14 то 45-сола,ки дар ҳудуди вилояти Хатлон истиқомат мекунанд, метавонанд иштирок намоянд;
- Вақти ба қайд гирифтани маводҳои фиристодашуда аз замони нашр гардидан ё қабул гардидани мавод аз ҷониби ташкилкунандагон ба ҳисоб гирифта мешавад;
- Зикри ному насаб ва маълумоти пурра дар бораи ҷойи зист ва рақами телефони иштирокчӣ ҳатмист;

## 4. ТАЛАБОТ БАРОИ ИШТИРОК ТИБҚИ БАХШҲО



4.1. Талабот барои иштирок тибқи номинатсияи “МАНЗАРАҲОИ ЗЕБОИ ДЕҲАИ МАН” чунин аст:

- иштирокчӣ бояд истиқоматкунандаи доимии деҳаи дахлдор бошад. Яъне, шахс наметавонад мавзеи деҳаи дигарро барои озмун пешниҳод намояд, ӯ бояд аксҳои мавзеии сайёҳӣ ва ё таърихии деҳаи худро пешниҳод намояд;
- иштирокчӣ бояд на камтар аз 10 сурати (акси) мавзеи интихобкардаро ба суроғаи муайяншуда тибқи талаботи банди 5 ирсол намояд;
- суратр (акс) бояд аз ҷониб ё инки бо дастгоҳи аксбардории (телефон ё планшети) худи иштироккунанда гирифта шуда бошад;
- суратҳо (аксҳо) бояд аз ҷиҳати композитсия ҷолиб бошанд, яъне диққатҷалбкунанда бошанд;
- суратҳо (аксҳо) дар маҷмуъ бояд бо назардошти талаботи зерин ҷой (пешниҳод) карда шаванд:
  - шарҳи кӯтоҳ (маълумоти мушаххас дар бораи афзалиятнокии мавзеъ);
  - суроғаи ҷойгиршавӣ;
  - манфиатоварӣ ба шахс (табобатӣ, зиёратӣ ва ғ.).

4.2 Талабот барои иштирок тибқи номинатсияи “САҲМИ МАН ДАР ОБОДОНИИ МАҲАЛ” чунин аст:

- иштирокчӣ бояд на камтар аз 15 сурати (акси) чараён ва манфиатоварии корҳои (объектҳои) сохтмонкардаи (саҳмгузоштаи) худро (дар давраи солҳои 2017-2021) интихоб карда, ба суроғаи муайяншуда тибқи талаботи банди 5 ирсол намояд;

- иштирокчӣ бояд зодаи деҳаи дахлдор бошад; дар ҳамин деҳа таваллуд шуда бошад. Яъне, шахс наметавонад ободкориҳои худро дар деҳаи дигар, тибқи ин бахш, пешниҳод намояд;
- суратр (акс) бояд аз ҷониб ё инки бо дастгоҳи аксбардории (телефон ё планшети) худи иштироккунанда гирифта шуда бошад;
- суратҳо (аксҳо) бояд аз ҷиҳати композитсия ҷолиб бошанд, яъне диққатҷалбкунанда бошанд;
- суратҳо (аксҳо) дар маҷмуъ бояд бо назардошти талаботи зерин ҷой (пешниҳод) карда шаванд:
    - шарҳи кӯтоҳ (маълумоти мушаххас дар бораи афзалиятнокии объекти сохташуда);
    - суроғаи мушаххаси ҷойгиршавӣ;
    - манфиатоварӣ ба ҷомеа (иҷтимоӣ, табобатӣ, фарҳангӣ ва ғ.).



4.3. Талабот барои иштирок тибқи номинатсияи “ШАХСИЯТИ МАЪРУФИ ДЕҲАИ МАН” чунин аст:

- иштирокчӣ бояд истиқоматкунандаи доимии деҳаи дахлдор бошад. Яъне, шахс наметавонад шахсияти маъруфи деҳаи дигарро барои озмун пешниҳод намояд, ӯ бояд аксҳо ва ҳолнома шахси маъруфи деҳаи худро пешниҳод намояд;
- иштирокчӣ бояд на камтар аз 5 сурати (акси) қаҳрамони интихобкардаро ва дастовардҳои ӯро тибқи тавзеҳоти банди 2 ба суроғаи муайяншуда тибқи талаботи банди 5 ирсол намояд;
- суратр (акс) бояд бо дастгоҳи аксбардории (телефон ё планшети) худи иштироккунанда гирифта шуда бошад;
- мумкин аст, ки сурати (акси) қаҳрамон аз рӯи дигар суратҳои (аксҳои) ӯ бардшта шавад, аммо онҳо бояд аз ҷиҳати композитсия ҷолиб бошанд, яъне диққатҷалбкунанда бошанд;
- Синну соли қаҳрамон бояд аз 25 сола кам набошад, ӯ бояд ҳаёт бошад;
- суратҳо (аксҳо) дар маҷмуъ бояд бо назардошти талаботи зерин ҷой (пешниҳод) карда шаванд:
    - шарҳи кӯтоҳ (ҳолнома ва маълумоти мушаххас оид ба дастовардҳое, ки шахсияти (қаҳрамони) интихобшударо маъруф гардонидааст);
    - суроға ва вақти зисти (истиқомати) қаҳрамон дар деҳа.

## 5. ТАРЗИ ҶОЙГИР КАРДАНИ СУРАТҲО (АКСҲО) ВА МАЪЛУМОТ

Қадами аввал: ба саҳифаи фейсбукии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон бо пайванди - https://www.facebook.com/oyandasozi - ворид шуда, бо зер кардани ишораи нишондодашуда худро номнавис намоед.




Қадами дуюм: дар тарафи чапи саҳифа ба қисмати "Мероприятия" зер кунед, сипас ба саҳифаи чорабиниҳо мегузаред.



**ҚАДАМИ СЕЮМ**: дар саҳифаи чорабиниҳо ба номгӯи чорабинӣ бо унвони “ДЕҲАИ МАН”, ки ишора шудааст, зер кунед ва шумо бевосита ба саҳифаи чорабинии дахлдор мегузаред.






**ҚАДАМИ ЧОРУМ**: акнун, дар саҳифаи чорабинӣ ба тугмаи ишорашудаи “Ещё” зер намоед.



**ҚАДАМИ ПАНҶУМ**: ин навбат ба тугмаи ишорашудаи “Обсуждение” зер намоед ва барои ҳарфчинии маълумот омодагӣ бинед.




**ҚАДАМИ ШАШУМ**: барои ҳарфчинӣ ё инки нашри мавод ба тугмаи ишорашудаи “Создать публикацию” зер намоед, ки он шуморо ба ҷойгоҳи интишорӣ мегузаронад.



**ҚАДАМИ ҲАФТУМ**: дар ҷои ишорашуда тибқи талаботи Низомномаи озмун маълумоти дахлдорро ворид намоед.




**ҚАДАМИ ҲАШТУМ**: дар ин ҷойгоҳ суратҳои (аксҳои) ҷой карда мешаванд, зимнан, сурати объекти дахлдорро дар телефони мобилӣ ё планшети худ, дар хазинаи расмҳо (галерея) захира намуда, тугмаи ишорашуда зер карда, суратҳои захирашударо борбардорӣ (загрузка) кунед.



**Қадами нўҳум-ниҳоӣ**: дар ниҳоят, пас аз ворид намудани иттилоӣ ва борбарорӣ кардани расмҳои дахлдор ба тугмаи ишорашудаи "Опубликовать" зер намоед.




**Диққат**: пас аз анҷоми ин қадамҳо маводи озмунии шумо як муҳлати муайян (1-2 рўз) дар баррассии модератор қарор мегирад. Агар зимни ҷойгиркунӣ ба ягон хатоӣ роҳ надода, талаботи Низомномаи озмунро пурра иҷро намуда бошед, пас он нашр мегардад ва барои фаъолияти оянда чанде дастурҳо аз модератор ба шумо мерасад.

Дар ин ҷо, пас аз интишори расмии мавод яке аз талаботҳо, ин паҳн намудани пайванди (ссылкаи) маводи озмунӣ ба дўстони худ мебошад, то ин ки ҳарчи зиёд ҷонибдор пайдо намуда, ба ғолибият наздик гардед.

## 6. ТАРЗ ВА УСУЛИ ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ



- Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон баъд аз муайян шудани ғолибон ҷамъомади тантанавӣ доир намуда, ғолибонро қадрдонӣ менамояд.
- Ҳамзамон дар бораи ғолибон ва қаҳрамонону объектҳои озмун мунтазам маводҳои телевизионӣ ва рӯзномавӣ таҳия ва пахш карда мешаванд.
- Ғолибон ба се гурӯҳ (ҷой) аз ҳар як номинатсия, дар маҷмӯъ 9 мавқеъ ҷудо шуда, бо мукофотҳои арзишманд қадрдонӣ мешаванд. Маълумот дар бораи андозаи арзишмандии мукофотҳо иловатан пешниҳод карда мешавад.
- Ба ҷуз аз ин, ба барандагони дуҷоии ифтихорӣ (шахсоне, ки ниҳоят фаъол буданд, аммо ғолиб наомаданд) аз ҳар як шаҳру ноҳия (дар маҷмӯъ 50 нафар) низ, мукофот дода мешавад.

## 7. ШАРИКИ ИТТИЛООТӢ

Ҷиҳати ташвиқу таблиғи ҳадафҳои озмун ва иттилоотрасонӣ тариқи телевизион ҳамкорӣ бо Телевизиони “Хатлон” ҳамчун шарики иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад.

Шарики иттилоотӣ ба амалӣ намудани чорабиниҳои зерин масъул мегардад:

- Вобаста ба тарғиби озмун видео-роликҳои гуногунҷабҳа омода намуда (дар ҳамкорӣ бо шарикони дигар), онҳоро дар эфир мунтазам ройгон пахш менамояд;
- Суратҳои (аксҳои) беҳтаринро бо зикри ному насаби ғолибон дар навиштаҳо ҳамчун ролик дар эфир ройгон пахш мекунад;
- Иловатан, ҷамъбасти озмунро дар доираи як барномаи телевизионии муфассал намоиш медиҳад.
- Ҳамзамон, пеш аз оғози озмун як ролики тарғиботӣ омода карда, онро мувофиқи имкониятҳояш то ду ҳафта мондан ба ҷамъбасти озмун пайваста ройгон пахш мекунад.

## 8. ШАРИКИ ФАРҲАНГӢ

Барои шавқманд сохтани аҳли ҷомеа ва хотирмон гардидани озмун, он якчанд қисматҳои фарҳангиро фаро мегирад, ки ин чорабиниҳо дар ҳамкорӣ бо Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон бо тартиби зерин ташкил мегарданд:

- Омода намудани саҳнаҳои кутоҳмуддати ҳаҷвӣ, сабт ва пахши онҳо тариқи ВАО;
- Дар интиҳои озмун (моҳи августи соли 2021) баргузор намудани консерти идона бо назардошти намоиши натиҷаҳои озмун ва қадрдонии ғолибон.



## 9. ШАРИКИ ТИҶОРАТӢ

Дар амалисозии озмуни мазкур, ҳамзамон, метавонанд, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун сарпараст тариқи маблағгузорӣ саҳмгузорӣ намоянд. Албатта, мавриди эълону гузоришҳо ва барномаҳои таблиғотӣ номгӯи шарикон ва сарпарастон навишта ва намоиш дода мешавад.



Мавриди ҳавасмандӣ ташкилотҳои тиҷоратӣ метавонанд бо суроғаи Кумитаи тадорукот тамос бароянд.

## ҶАМЪБАСТИ ОЗМУН

Озмун, ки бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир мегардад, ҷамъбасти он низ, дар моҳҳои июл ва августи соли 2021 пешбинӣ мегардад.

## АЪЗОИ КУМИТАИ ТАДОРУКОТ

1. Раиси Кумита - Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон
2. Котиб - Сармутахассиси шуъбаи таблиғот ва таҳлилӣ
3. Аъзо - Сардори Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон
4. Аъзо - Сардори Телевизиони Хатлон

5. Аъзо - Барномасози маводҳои иттилоотии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон
6. Аъзо – котиби масъули нашрияи “Ҳамрози халқ”
7. Аъзо – мушовири Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

<u>СУРОҒА</u>:

- ✓ 734051, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 47,
- ✓ (8 3222) 2-36-56, 2-94-19,
- ✓ Сомона - www.hkhdtkhatlon.tj
- ✓ Саҳифа дар Фейсбук - https://www.facebook.com/oyandasozi
- ✓ Почтаи электронӣ - hkhdtkhatlon@yandex.ru

16

ХАРИТАИ ҶОЙГИРШАВӢ

